**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026-и**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи «Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Дар қисмати муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, иртиботи кор бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии кор, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои асосие, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд, дарҷ карда шуда, дар бораи саҳми шахсии унвонҷӯ ва аҳамияти амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кори диссертатсионӣ маълумот дода шудааст. Дар қисмати асосии автореферат мазмуни кори диссертатсионӣ ба таври мухтасар инъикос карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот таҳлили андешаҳои иҷтиомии Ибни Халдун дар мавриди таъсири муҳит бар сифатҳои иҷтимоии инсон иборат аст.

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлилу муқоисаи ахбори сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи адабиёти илмӣ робитаи муҳит бо омилҳои таъинкунандаи сифатҳои иҷтимоии инсон, аз нигоҳи Ибни Халдун, ба таври мушаххас баррасӣ кардааст. Инчунин Муаллиф таъсиргузории муҳити фикрии замони Ибни Халдун ва муҳити фикрии пеш аз замони Ибни Халдунро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо накли назария ва андешаҳои донишмандон ҳамчун Масъудӣ, Ибни Асир, Ҳасан ибни Ҳайсам, Ғазолӣ, Ибни Хатиб , Ибни Сино ва дигарон ба ин натиҷа расидааст, ки Ибни Халдун аз навиштаҳову назарияҳову андешаҳои онон баҳра бурдааст.

Муаллифи рисолаи илмӣ қайд намудааст, ки Ибни Халдун яке аз маъруфтарин шахсиятест, ки дар асрҳои XIV ва XV ба баррасии ҷомеаҳои

гуногун пардохта аст. Ӯ ҳамчун таърихнигор, сиёсатмадор, файласуф ва адиби тавоно дар муқаддимаи китоби таърихии худ «Ал-ибар» бар таърихнигорӣ ва таърихнигарӣ андешаҳои наву баҳсангезеро матраҳ намуда аст. Ибни Халдун баҳсҳоеро дар мавриди равишшиносӣ зикр карда аст, ки бештари онҳо бар асоси тавзеҳу интиқодҳои ӯ нисбат ба гузаштагони худ аст. Марҳилаҳои асосии равиши таҳқиқи Ибни Халдун аз ҷамъоварии иттилооти дуруст бо равишҳои гуногун, накди ин иттилоот ба воситаи улуми ақливу наклии он замон, ва ба ҳам пайвастану якпорчасозии онҳо иборат аст.

Хулосаву натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои амалии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда барои дарки масъалаи таъсири муҳит ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз нигоҳи Ибни Халдун, қобилияти баланди эҷодии муҳаққиқ Аркомиддинзода Ш.А.-ро нишон медиҳад.

Натиҷаи ташхиси автореферати диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин дар мавзӯи **«Таълимоти Ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон»** собит намуданд, ки сатҳу сифати ин кори диссертатсионӣ ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ, онро барои ҳимоя пешбарӣ кардан мумкин аст. Муаллифи кори диссертатсионӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти**
**кафедраи "Фанҳои ҷомеашиносӣ"-и**
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон** — **Азимова М. М**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО * МДТ ГОУ 2
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Азимова М.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 06 » 01 2021 с/г